ПРОТОКОЛИ № 16

ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-113

аз “ 29 **”** 10 **соли 2026** **ш.Душанбе**

Дар ҷаласа иштирок доштанд:
Аз 21 нафар аъзои шуро 20 нафар

Раиси шуро: Аз 21 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04 майи соли 2026 №164/ҳя тасдиқгардида, 20 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон аз руйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро оғоз гузаронида шавад. Муҳтарам аъзоёни шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимояи якдафъаинаи иҷозат додани диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи “Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ).

ШУНИДА ШУД:

Раиси шурои диссертатсионӣ Мухаметов Г.Б. қайд намуд, ки дар асоси мактуби Комиссияи олии аттестатсионӣ аз 27.10.2026, № 06/763 зарурати иваз намудани муқарризи расмии дуюм (бинобар сабаби ба кори дигар ҷалб гардидани Аҳмадзода Бунавша Саймузафар) ва санаи ҳимояи диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи “Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ)

пеш омадааст. Аз ин рӯ, барои таъини муқарризи расмӣ ва санаи ҳимоя ҷаласаи шӯро баргузор шуд.

Раиси комиссияи экспертӣ **Лутфуллозода Маҳмадулло ва аъзои комиссияи экспертӣ Неъматов Садуллоҷон Эргашевич, Солеҳов Мирзо Одинаевич** оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя кабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Зикруллоҳзода Фарҳод Зикруллоҳ дар мавзуи "Нақши бозиҳои дидактикӣ дар таълими забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти олӣ", ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.9. Назария ва методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (забони англисӣ) ба ҳимоя кабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– **Абдуллоева Меҳриниссо Абдуғаффоровна** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор, декани факултети забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров;

– **Сайфуллаев Хайрулло Ғабдуллаевич** - доктори илмҳои педагогӣ, профессор кафедраи забони олмонии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ;

– **Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович** - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забони хориҷи ва робитаҳои байнифарҳангии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3. Ба сифатӣ муассисаи пешбар

- Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон таъин гардад.

4. Барои ҷойгирнамудани эълони ҳимоя, матни диссертасия, ва автореферати он дар сомонаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимояи якдафъаина **27 ноябри соли 2026 соати 09.00** муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 20 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест.

Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ, профессор **Мухаметов Г.Б.**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент **Абдуллоева Т.М.**

“Имзои Г.Б. Мухаметов, Т.М.Абдуллоеваро тасдиқ мекунам”

Сардори Раёсати кадрхо
ва корҳои махсуси ДМТ **Шодихонзода Э.**